**Тасдиқ шуд**
**Раёсати ҶСП ТАҚХ "Ҳумо"**
**Пайнавишти №27 аз «03» июли соли 2023**
**Раиси Раёсат Маюнусов Ф.М.________________**

# ШАРТНОМАИ УМУМИ ОИД БА ПЕШНИҲОДИ ХИЗМАТРАСОНӢ ДАР ДОИРАИ ЛОИҲАИ ХАТИ ҚАРЗӢ ВА КУШОДАНИ СУРАТҲИСОБИ ПАСАНДОЗӢ БА ШАХСОНИ ВОҚЕӢ АЗ ҶОНИБИ ҶСП ТАҚХ «ҲУМО» (ОФЕРТА)

Шартномаи умумӣ оид ба пешниҳоди хизматрасонӣ дар доираи лоиҳаи хати қарзӣ ва кушодани суратҳисоби пасандозӣ ба шахсони воқеӣ (Пешниҳоди умумӣ), аз ҷониби ҶСП ТАКХ «Ҳумо» ( РМА 020026755, РЯМ 0210000322, суроға шаҳри Душанбе, кучаи Н.Қарабоев 148/1) минбаъд "Ташкилот" ҳамчун пешниҳоди умумӣ ба шахсони воқеӣ ба ҳисоб рафта, ҳангоми аз ҷониби мизоҷ ба имзо расонидани ариза – дархост оид ба ҳамроҳшавӣ амал мекунад.
Пешниҳоди умумии мазкур, тамоми шартҳои Шартномаи басташаванда, ки қисми ҷудонашавандаи он Шартҳо ва Тарофаҳо, ки ҷониби Ташкилот нашр карда мешавад, инчунин ба таври дахлдор барасмиятдарории Ариза - дархост оид ба ҳамроҳшавӣ, ки мизоҷ шахсан ҳангоми ҳозир шудан ба Ташкилот ва ё филиали он ё ин ки ҳангоми вохӯрӣ бо кормандони Ташкилот анҷом дода мешавад.
Барои бастани шартномаи дахлдор, ки дар Пешниҳоди мазкур оварда шудааст, Муштарӣ бо тартиб додани Ариза - дархости ҳамроҳшавӣ тибқи тартибе, ки барои ҳар як шартнома дар алоҳидагӣ бо Замимаҳо ва Тарофаҳо муайян карда шудаанд, ҳамроҳ мешавад.
Пешниҳод бо меъёрҳои Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла моддаҳои 488, 490, 502, 503 ба танзим дароварда шуда, то бозхонди он амал мекунад.

## 1. ДАР БОБИ МАЗКУР МАФҲУМҲОИ ЗЕРИН ИСТИФОДА МЕШАВАД:

*1.1.* **Шакли Имзои Шахсӣ (ШИШ)** - Рамзи Тасдиққунандаи Қарзгиранда, амалҳои Қарзгиранда дар низоми хизматрасонии бонкии фосилавии ҶСП ТАҚХ «Ҳумо» (минбаъд Ташкилот) (агар шартнома бо Ташкилот баста шуда бошад), инчунин нусхаҳои тариқи сканер гирифташудаи имзоҳои шахсони ваколатдори Тарафҳо дар ҳуҷҷатҳои тавассути почтаи электронӣ ё Утоқи Шахсӣ равон кардашуда;

*1.2.* **Агенти Ташкилот** - Агенти пардохтие, ки барои анҷом додани амалиётҳои алоҳида аз номи Ташкилот мутобиқи қонунгузории ҶТ ҷалб карда шудааст;

*1.3.* **Ариза- Дархости ҳамроҳшавӣ** - Ҳуҷҷат дар бораи тасдиқи ҳамроҳшавӣ ба Шартнома оид ба ҳамроҳшавӣ ба шартнома оид ба кушодани хати қарзи дар ҶСП

ТАҶХ "Ҳумо", ки дар шакли мукаррарнамудаи Ташкилот ба расмият даровварда шудааст ва аз ҷониби Қарзгиранда ба таври дахлдор имзо карда шудааст;

1.4. **Ташкилот**- Ҷамъияти саҳҳомии пушидаи Ташкилоти амонатии қарзии хурди «Ҳумо» (РМА 020026755, РЯМ 0210000322, суроға шаҳри Душанбе, кучаи Н.Қарабоев 148/1), ки дорои иҷозатнома барои анҷом додани амалиётҳои бонкӣ бо асъори миллӣ ва хориҷӣ № 0000077 аз 24 майи соли 2017 мебошад;

1.5. **Ҷадвали Пардохт** - Ҷадвали пардохти қарзи асосӣ, фоизҳо ва ҳаққи комиссионӣ аз руи Транши додашуда, ки дар Утоқи Шахсии Қарзгиранда ҷойгир карда шудааст.

1.6. **Сана (ҳо)- и Пардохт** - сана ва/ё рузи мушаххаси моҳи тақвимӣ, ки дар вақти ба расмият даровардани Қарз муайян шудааст ва то ё дар рузи фарорасии он Қарзгиранда ухдадор мешавад, ки қарзи (қарзи асосӣ, фоизҳо ва ҳаққи комиссионӣ) барои давраи истифодаи ҳамаи Траншҳои тибқи Шартнома гирифташударо, пардохт намояд;

1.7. **Шартнома** - ҳуҷҷат оид ба кушодани хати Қарзӣ, ки аз ҷониби Қарзгиранда тавассути ҳамроҳ шудан ба Шартҳои Умумии хизматрасонии мазкур дарҷ гардида, баста шудааст.

1.8. **Хати қарзӣ** - Ташкилот уҳдадор мешавад, ки ба Қарзгиранда дар шакли хати Қарзии барқароршаванда, Қарз диҳад ва Қарзгиранда уҳдадор мешавад, ки маблағи Қарзро баргардонад ва фоизи онро пардохт намояд;

1.9. **Овердрафт (изофабардошт)** – қарзи кӯтоҳмуддат барои амалӣ намудани пардохтҳои аз маблағи дар суратҳисоб будаи мизоҷ зиёдтар, ки дар ҳудуди маблағ ва шартҳои шартномаи мазкур муайян гаштаанд;

1.10. **Ҳудуди овердрафт** – маблағи максималии имконпазире, ки аз ҷониби Ташкилот барои истифодабарӣ дар ҳисоби бонкии мизоҷ муқаррар шудааст;

1.11. **Овердрафти истифодашуда** – маблағҳои пулие, ки аз тарафи мизоҷ дар доираи ҳудуди маблағи овердрафтии дар шартномаи мазкур муқарраршуда истифода бурда шудаанд;

1.12. **Суратҳисоби мизоҷ** – ин суратҳисоби бонкӣ мебошад, ки тавассути он ҳамаи амалиёти иҷрогардида, ба ҳисоб гирифта мешаванд;

1.13. **Пасандозӣ бонкӣ** - мутобиқи шартномаи мазкур Ташкилот маблағи пулии ба суратҳисоби пасандозӣ аз ҷониби муштарӣ гузошташударо қабул карда, уҳдадор мешавад онро бо пардохти фоиз ё дигар намуди даромад бо шартҳо ва тартиби мувофиқашуда баргардонад;

1.14. **Хуҷҷати Амалиёт** - хуҷҷати коғазӣ ва/ё дар шакли электронӣ, ки мақсаднок будани истифодаи маблағи Траншро тасдиқ менамояд. Ба чунин хуҷҷат расид, хуҷҷати Мол, санад ё хуҷҷати дигар, мутобиқи талаботи Ташкилот муайяншуда, дохил мешаванд;

1.15. **Қарзгиранда/Мизоҷ** - шахси воқеӣ, ки ба талаботҳои аз ҷониби Ташкилот муқарраршуда ҷавобгу мебошад, инчунин маблағи пулиро ҳамчун пасандоз ҷойгир менамояд ва бо Ташкилот мувофиқи тартиби бо Шартҳои Умумии мазкур пешбинишуда Шартнома бастааст, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикисон аз синни 18 сола

боло барои гирифтани маблағи қарз ва аз синни 16 сола боло барои кушодани суратҳисоби пасандозӣ мебошад;

*1.16.* **<u>Дархост</u>** - амали қарзгиранда барои гирифтани Транше, ки мутобиқи тартиби дар Шартҳои Умумии мазкур муқарраршуда аз ҷониби Қарзгиранда бо истифода аз Рамзи Муайянкунанда дар шакли хаттӣ, электронӣ ё шакли дигар тартиб дода шудааст;

*1.17.* **<u>Рамзи Муайянкунанда</u>** - рақами ягонае, ки тибқи Шартнома ба Қарзгиранда дода шудааст ва уро дар Системаи Ташкилот муайян мекунад ва аз ҷониби Қарзгиранда бо мақсади тартиб додан ва ба Ташкилот фиристодани Дархостҳо барои гирифтани Траншхо аз руи Шартнома истифода бурда мешавад;

*1.18.* **<u>Рамзи Тасдиққунанда</u>** - рамзи якдафъаинаи рақамӣ, ки ба тарики автоматикӣ дар шакли смс-паём ё ба тариқи дигар ба рақами телефони мобилии Қарзгиранда, ки мутобиқи Шартҳои Умумии мазкур ба Ташкилот пешниҳод шудааст, ҳангоми гирифтани Транш ё анҷом додани дигар амалҳо бо истифодаи Рамзи Муайянкунанда, фиристода мешавад;

*1.19.* **<u>Ҳаққи комиссионӣ</u>** – маблағе, ки Қарзгиранда ҳангоми гирифтани Транш ва инчунин пешниҳоди хизматрасониҳои иловагӣ дар доираи Шартнома, дар сурати пайваст кардани онҳо аз ҷониби Қарзгиранда, пардохт карда мешавад. Дар фоизи ҳаққи комиссионии муқарраргардидаи пардохтшаванда ҷуброни фоизии тамоми маблағи пешниҳодшавандаи транш ба инобат гирифта шудааст;

*1.20.* **<u>Қарз</u>** - воситаҳои пулие, ки аз ҷониби Ташкилот ба Қарзгиранда бо шартҳои мухлатнок, музднок ва бозпасгардонӣ дода мешаванд. Қарз, инчунин маънои маблағи умумии воситаҳои пулиеро, ки ба Қарзгиранда аз руи ҳамаи Траншҳо дода шудаанд, дорад.

*1.21.* **<u>Ҳудуди Қарзӣ</u>** - андозаи нихоии имконпазири Қарз, ки тибқи Шартномаи басташуда ба Қарзгиранда дода мешавад;

*1.22.* **<u>Утоқи Шахсӣ</u>**- хизматрасонии махсусгардонидашудаи Ташкилот, ки ба Қарзгиранда барои имконияти гирифтани тамоми маълумот аз руи Траншҳои ба Қарзгиранда чудошуда, аз ҷумла маълумот оид ба Ҷадвали Пардохт ва бақияи қарздорӣ, бо воситаи барномаҳои мобилӣ ва ё сомонаи интернетӣ пешбинӣ шудааст. Барои ба Утоқи Шахсӣ бо воситаи сомонаи интернетии “<u>orzu.humo.tj</u>” ворид шудан, Қарзгиранда бояд рақами телефони мобилии якдафъаинаро, ки ба таври автоматӣ дар шакли смс-паём ба рақами телефони номбаршуда равон карда мешавад, дуруст ворид намояд. Дастрасӣ ба Утоқи Шахсӣ барномаҳои мобилӣ ба мизоҷоне, ки бо Ташкилот шартнома дар бораи хизматрасонии бонкии фосилавии бо Ташкилот басташуда муайян шудааст, дода мешавад.

*1.23.* **<u>Мухлати Имтиёзнок</u>** - муҳлате, ки дар давоми он Қарзгиранда аз пардохти фоизҳо аз руи Транши гирифташуда, ки дар Ҷадвали Пардохти Транши дахлдор муайян карда шудааст, озод карда мешавад;

1.24. **<u>Шартҳои Умуми</u>** - шартҳои умумии шартнома оид ба кушодани хати Қарзии Ташкилот, ки дар офертаи мазкур ба шахсони воқеӣ барои бастани Шартнома бо шартҳои пешбинишуда мебошанд;

1.25. **<u>Номгуи Амалиётҳо</u>** - руйхати амалиётҳое, ки содир кардани онҳо ба Қарзгиранда аз хисоби маблағи Қарзи тибқи Транш барои Истифодаи Шахсӣ дода шуда, манъ шудааст ва/ё иҷозат дода шудааст. Руйхати Амалиётҳо дар сомонаи интернетии зерин чойгир карда шудааст: "orzu.humo.tj";

1.26. **<u>Пешпардохт</u>** - маблағе, ки Қарзгиранда бо мақсади пеш аз мухлат пардохт намудани миқдори муайяни қарздорӣ аз руи чунин Транш пардохт менамояд. Маблағи Пешпардохт дар Ҷадвали Пардохт барои ҳар як Транши алоҳида, дар сурати татбиқшавии он, аз ҷониби Қарзгиранда муайян карда мешавад;

1.27. **<u>Фурушанда</u>** - шахси ҳуқуқӣ ва/ё соҳибкори инфиродӣ, ки ба фуруши молҳо ва хизматрасониҳо машғул мебошад;

1.28. **<u>Сомонаи Ташкилот</u>** - сомонае, ки дар шабакаи Интернет дар суроғаи зерин ҷойгир карда шудааст: "orzu.humo.tj";

1.29. **<u>Воситаҳои таъминотии фурушанда</u>** - таъминотҳои барномавӣ, барномаи (замимаи) мобилӣ, терминалҳои программавӣ (POS-терминалҳо), бо терминалҳои электронии пайвастшуда (барномаҳои (замимаҳои) Ташкилот), ки дар назди Фурушанда насб шудаанд, инчунин Утоқи Шахсии қарзгиранда, сомонаҳо ва дигар воситаҳои техникӣ ва инфрасохтори Ташкилот, ки имконияти ҷамъоварӣ, коркард ва нигоҳдории маълумотҳо вобаста ба Аризаи Қарзгирандагон, ки бо мақсади бастани Шартнома кабул мешаванд, Дархостҳо барои гирифтани Қарз, Хуҷҷатҳои Электроние, ки аз ҷониби Тарафхо мубодила мешаванд, ва инчунин анҷом додани амалиётҳои дигар мувофиқи Шартнома, фароҳам меоварад;

1.30. **<u>Тараф</u>** - Ташкилот ё Қарзгиранда;

1.31. **<u>Тарафҳо</u>** -Ташкилот ва Қарзгиранда дар якҷоягӣ;

1.32. **<u>Мол(ҳо)</u>** - мол, кор, хизматрасонӣ, ё натиҷаи фаъолияти зеҳнӣ, ки онро Фурушанда мефурушад;

1.33. **<u>Транш</u>** - қисми маблағи Қарз, ки тибқи Шартнома ба Қарзгиранда дода шудааст. Тибқи Дархости Қарзгиранда Траншҳо дар шакли нақдӣ аз хазинаи Ташкилот, бо воситаи агентҳо, тавассути суратҳисобҳо, тавассути кортҳои пардохтии бонкӣ, тавассути терминалҳои худкори худхизматрасон, инчунин бо мақсади қисман ё пурра пардохт намудани арзиши Молҳо дода мешавад;

1.34. **<u>Транш барои Мол</u>** - қисми маблағи Қарз, ки аз ҷониби Ташкилот ба Қарзгиранда танҳо барои пардохти қисман ё пурраи арзиши Моли Фурушанда дода шудааст;

1.35. **<u>Тарофаҳо</u>** - маҷмуи шартҳои молиявӣ ва шартҳои дигари пешниҳоди хизматрасонӣ ба Қарзгиранда аз ҷониби Ташкилот, аз ҷумла маълумот дар бораи андозаи фоизҳо барои истифодаи Қарз, маълумот дар бораи комиссияҳо ва пардохтҳои дигар тибқи Шартҳои Умумии мазкур муайяншуда. Тарофаҳо қисми ҷудонашавандаи Шартнома мебошанд ва дар Сомонаи Ташкилот ҷойгир карда мешаванд;

1.36. **Шартҳои Транш** - шартҳое, ки аз ҷониби Ташкилот дар Замимаи №1, Шартҳои Умумии мазкур ва маълумоте, ки бо тариқи электронӣ дар Утоқи Шахсӣ ҷойгир карда шудааст ва ё бо тариқи смс-паёмак ба рақами мобилӣ , гирифтани Транши мушаххасро аз ҷониби Қарзгиранда тасдиқ мекунад ва тамоми шартҳои асосии додани чунин Траншро дар бар мегирад;

1.37. **Ҳуҷҷати Электронӣ** - маълумоти хуҷҷатнокшуда, ки дар шакли электронӣ, яъне дар шакли муносиб барои дарки инсон бо истифода аз техникаи электронию хисоббарор, инчунин барои интиқол тавассути шабакаҳои иттилоотӣ ва телекоммуникатсионӣ ё коркард дар системахои иттилоотӣ, ки аз ҷониби Қарзгиранда бо истифода аз ШИШ тасдиқ шудааст, пешниҳод карда мешавад;

1.38. **Транши нақдӣ бо воситаи хазина** - гирифтани Қарз аз хазинаи Ташкилот, агентҳои бонкии пардохтӣ бо фармоиши пешакӣ ва ҳузури шахсии Қарзгиранда;

1.39. **Транши қарзи ба суратҳисобҳо** - гирифтани Қарз бо дархости фосилавӣ ба суратҳисобҳои бонкӣ;

1.40. **Транши нақдӣ бо воситаи терминалҳои худкорӣ худхизматрасон** - гирифтани Қарз бо дархостӣ электронӣ ва ё ворид намудани рамзӣ муайянкунанда ва тасдиққунанда бо воситаи терминалҳои худкорӣ худхизматрасон Ташкилот.

1.41. **Муҳлати имтиёзнок** - Новобаста аз дигар муқарраротҳои шартномаи мазкур, қарзгиранда барои муҳлате, ки дар Ҷадвали пардохти қарздорӣ пешбини шудааст, аз пардохти фоизҳо озод мебошад(“муҳлати имтиёзнок”). Муҳлати имтиёзии ҳар як марҳила (дар сурати татбиқшавӣ) дар ҷадвали пардохти қарздории дахлдор муайян карда мешавад.

1.42. **Рақами мобилӣ -** рақами 9 (нӯҳ) ададае, ки аз ҷониби операторони мобилӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шуда, Қарзгиранда аз он истифода мебарад ва розигии худро медиҳад, ки тамоми маълумотҳо ва рамзҳо ба он бо ҳар воситаи электронии мавҷуда ирсол карда мешавад.

1.43. **Гарави маблағи пулӣ -** андозаи маблағи пулие, ки барои иҷрои уҳдадориҳои қарзии ҳар як транши гирифташудаи бо шарти тарофаҳои бо гарави амонат дар суратҳисоби махсус дар назди Ташкилот нигоҳ дошта мешавад ва танҳо пас аз пурра иҷро гардидани уҳдадориҳои қарзии бо транши таалуқдошта озод карда шуда, ба суратҳисоби мизоҷ гузаронда мешавад.

1.44. **Гарави моли харидашуда -** Моле мебошанд, ки аз Фурӯшанда ба воситаи маблағҳои кредитии тибқи ин Шартнома ба қарзгир пешниҳодгардида мебошад.

## 2. МУҚАРРАРОТИ УМУМИ

2.1. Шартҳои Умумии мазкур тартиби бастани Шартномаро байни Ташкилот ва Қарзгиранда, инчунин муқаррарот ва шартҳои асосии додани Қарз ба Қарзгирандаро аз руи Шартнома, муқаррар мекунанд. Шартҳои Умумии мазкур дар якҷоягӣ бо Аризаи ҳамроҳшавӣ Қарзгиранда ва Тарофаҳо шартномаи ягонаро ташкил медиҳанд.

2.2. Бо мақсади шинос кардани Қарзгирандагон бо Шартҳои Умумии мазкур, Ташкилот онҳоро, аз он ҷумла, бо тағйирот ва/ё иловаҳое, ки Ташкилот давра ба давра ба онҳо

ворид менамояд, дар шабакаи Интернет дар суроғаи зерин интишор мекунад: "orzu.humo.tj". Шартҳои Умумии мазкур метавонанд ба Қарзгиранда барои шиносоӣ, дар ҳомили коғазӣ ҳангоми дархости Қарзгиранда, пешниҳод шаванд.

2.3. Бо мақсади бастани Шартнома, шахси воқеӣ ба Ташкилот ва/ё Агенти Ташкилот ҳуҷҷатҳои зеринро пешниҳод менамояд: ариза - дархост барои кушодани хатӣ қарзӣ, ҳуҷҷатҳое, ки мутобиқи талаботи Ташкилот ва қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои муайян кардани аризадиҳанда заруранд ва дар ҳолати зарурӣ хуҷҷатҳое, ки қобилияти пардохтпазирии аризадиҳандаро муайян мекунанд. Бо имзо намудани ариза - дархост, аризадиҳанда тасдиқ мекунад, ки у бо ҳамаи шартҳо, аз он ҷумла шартҳое, ки дар Шартҳои Умумии мазкур ва Тарофаҳо муқаррар шудаанд, пурра шинос шудааст ва розӣ аст.

2.4. Ҳангоми зарурат аз ҷониби кормандони Ташкилот дар ҳузури воқеӣ ва ё тариқи онлайн мушаххасгардонии Муштарӣ пеш аз пешниҳоди Қарз гузаронида мешавад.

2.5. Шартнома бо роҳи ҳамроҳшавии Қарзгиранда ба Шартҳои Умумии мазкур бо тартиби дар моддаи 488 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбининамуда, баста мешавад. Қарзгиранда ба шартҳои Умуми пас аз муайян шудани шахсияти у, кабули Аризаи ҳамроҳшавӣ аз ҷониби Ташкилот ва/ё Агенти Ташкилот, ки аз тарафи Қарзгиранда имзо шудааст ва фаъолгардонии Рамзе, ки ба Қарзгиранда тибқи Шартнома дода шудааст, ҳамроҳшуда хисобида мешавад.

2.6. Қарзгиранда инчунин метавонад, Шартномаро, бо ташриф овардан ба идораи Ташкилот ва/ё Агенти Ташкилот бандад.

2.7. Бо бастани Шартнома, Қарзгиранда розӣ мешавад, ки маълумот дар бораи ӯ, инчунин дар бораи иҷрои уҳдадориҳо дар доираи Шартнома ба Бюрои қарзии итилоотӣ Тоҷикистон таърихи қарз пешниход карда мешавад. Инчунин, Қарзгиранда ба Ташкилот супориш медиҳад, ки дилхоҳ вақт, аз Бюрои қарзии итилоотӣ Тоҷикистон, маълумот дар бораи таърихи қарзии у барои санҷиши қобилияти пардохтпазирии Қарзгиранда ва барои равон кардани пешниҳодҳои инфиродӣ вобаста ба маҳсулотҳои Ташкилот дархост намояд.

2.8. Қисмҳои ҷудонашавандаи Шартнома шартҳои пешниҳоди хизматрасониҳои иловагие мебошанд, ки аз ҷониби Қарзгиранда тибқи Шартнома пайваст карда мешаванд. Хизматрасониҳои иловагӣ ба Қарзгиранда бо розигии ӯ, тибқи Шартҳои Умумии мазкур ва шартҳои пешниҳоди хизматрасониҳои иловагии аз ҷониби Ташкилот қабулшуда, расонида мешаванд.

## 3. ШАРТҲОИ УМУМИИ ҚАРЗ

3.1. Қарз ба Қарзгиранда аз руи Траншҳо (қисмҳо), бо пули миллӣ- сомонӣ ва асъори хориҷӣ дар доираи Ҳудуди Қарзӣ дода мешавад. Ҳар як Транш ба Қарзгиранда тибқи муқаррароти Шартҳои Транш, ки аз ҷониби Қарзгиранда мувофиқи тартиби боби 4 Шартҳои Умумии мазкур мукаррарнамуда ба имзо расидааст, дода мешавад.

3.2. Хати Қарзӣ барои Қарзгиранда ба муҳлати 5 (панҷ) сол кушода мешавад ва

барқароршаванда мебошад. Қарзгиранда розӣ аст, ки қарор дар бораи пешниҳоди Ҳудуди Қарзии аввала ба Қарзгиранда, аз ҷониби Ташкилот мустақилона, дар асоси маълумоте, ки аз Қарзгиранда ва/ё манбаъҳои дигар дастрас шудааст, қабул карда мешавад.

3.3. Дар сурати аз ҷониби Қарзгиранда пурра ё қисман пушонидани қарздорӣ аз руи ҳама гуна Транш, Қарзгиранда ҳуқуқ дорад аз Ташкилот Траншхои иловагӣ гирад, ба шарте ки қарздории Қарзгиранда барои ҳамаи Траншҳо аз Ҳудуди Қарзии муқаррарнамудаи Шартнома зиёд набошад.

3.4. Меъёри фоизҳо барои истифодаи Траншҳо дар Тарофаҳо муайян карда мешаванд. Фоизҳо барои истифодаи Қарз ба бақияи қарзи ҳар як Транш, тибқи мухлатҳои дар Шартҳои Транш муқарраршуда, ҳисоб карда мешаванд, ба истиснои ҳолатҳои дар Шартҳои Умумии мазкур пешбинишуда. Ҳисоб кардани фоиз барои истифодаи ҳар як Транш дар рузи оянда аз рузи додани Транш оғоз шуда, бо рузи баргардонидани чунин Транш анҷом меёбад.

3.5. Меъёри фоизи самараноки солона барои ҳар як Транши алоҳида ҳангоми пешниҳоди Транш дар Ҷадвали Пардохти дахлдор, ки дар Утоқи Шахсии Қарзгиранда ҷойгир мешавад, зикр карда мешавад.

3.6. Қарзгиранда барои ҳар як Транши додашуда ба Ташкилот Комиссия ва Пешпардохт (дар сурати татбиқи Комиссия ва Пешпардохт) пардохт мекунад, ки хаҷми онҳо барои ҳар як Транш дар Шартҳои Транши дахлдор мукаррар карда мешавад.

3.7. Илова ба талаботҳои дар Руйхати Амалиётҳо муқарраршуда, Қарзгиранда уҳдадор мешавад, ки амалҳоеро, ки бевосита ё бавосита ба расонидани зарар (зиён) ба Ташкилот ва/ё Фурушандагон равона шудаанд, анҷом надиҳад. Ҳангоми ба вуҷуд омадани шубҳаҳои асосноки Ташкилот дар бораи аз ҷониби Қарзгиранда суиистифода намудан аз Шартҳои Умумии мазкур, Ташкилот ҳуқуқ дорад пешниҳоди минбаъдаи Қарзро қатъ кунад.

## 4. ТАРТИБИ ПЕШНИҲОДИ ҚАРЗ

4.1. Тибқи Шартҳои Умумии мазкур, Дархостҳо барои гирифтани Транш аз ҷониби Қарзгиранда дар шакли хаттӣ, электронӣ ё шакли дигар, бо истифодаи ҳатмии Рамзи Муайянкунанда, ки ҳангоми бастани Шартнома ба Қарзгиранда дода шудааст, таҳия ва ба Ташкилот фиристода мешаванд.

4.2. Дар ҳолати аз ҷониби Ташкилот қобили қабул донистани Дархост, ба рақами телефони мобилии Қарзгиранда тавассути смс-паём Рамзи Тасдиққунанда, ки дорои истиснод ба Утоқи Шахсии Қарзгиранда мебошад, ки дар онҷо Шартҳои Транш барои шиносоии Қарзгиранда ҷойгир карда шудааст, фиристода мешавад. Рамзи Тасдиққунанда танҳо ба рақами телефони мобилии Қарзгиранда, ки аз ҷониби Қарзгиранда дар Аризаи ҳамроҳшавӣ нишон додааст, фиристода мешавад.

4.3. Дар ҳолати аз ҷониби Ташкилот қабули қарор оид ба пешниҳоди ҳудуди қарзӣ, Қарзгиранда метавонад транши қарзиро ба роҳҳои зерин дастрас кунад: аз хазинаи

Ташкилот, аз хазинаи Агенти Ташкилот, бо воситаи терминалҳои худкори худхизматрасон, ба суратҳисобҳо ва кортҳои пардохтии бонкӣ.

*4.4.* Траншҳое, ки тибқи Шартҳои Умумии мазкур гирифта шудаанд, бо роҳи ба Системаи Ташкилот ворид кардани Рамзи Тасдиқкунандае, ки ба Қарзгиранда фиристода шудааст, имзошуда ба ҳисоб меравад.

*4.5.* Ҳамаи Траншҳо, ки бо истифодаи Рамзи Муайянкунанда ва Рамзи Тасдиқкунандаи дуруст дода шудаанд, аз тарафи Қарзгиранда гирифташуда ба ҳисоб меравconfigured ва Қарзгиранда барои баргардонидани ин Траншҳо мувофиқи Шартҳои Транш пурра масъулият дорад.

*4.6.* Рузи додани Транш, рузе ҳисоб мешавад, ки дар давоми он Системаи Ташкилот, коркарди муваффақонаи Рамзи Тасдиқкунандаи воридшударо анҷом додааст.

*4.7.* Аз ҷониби Муштарӣ ворид намудани Рамзи Тасдиқкунанда ба Системаи Ташкилот шиносшавии пурра ва розигии Қарзгиранда бо шартҳои пешниходи Транш, имзои Шартҳои Транш аз ҷониби Қарзгиранда тибқи боби 11 Шартҳои Умумии мазкур амалӣ гардида, асос барои интиқол ё додани маблақи Траншро аз ҷониби Ташкилот тасдиқ мекунад.

*4.8.* Маблағи Транш мустақиман ба Қарзгиранда мувофиқи шартҳои Дархости Қарзгиранда интиқол дода мешавад.

*4.9.* Муҳлати баргардонидани (пардохти) ҳар як Транш дар Шартҳои Транши дахлдор ва дар Ҷадвали Пардохти ба он замимашуда, муайян карда мешавад. Дар сурати дархости Қарзгиранда, Ташкилот ба Қарзгиранда шакли коғазии Шартҳои Транш ва Ҷадвали Пардохтро, ки дар Утоқи Шахсии Қарзгиранда ҷойгир шудааст, пешниҳод менамояд.

*4.10.* Ташкилот ҳуқуқ дорад, ки бо салоҳдиди худ бе зикр намудани сабаб, додани Транши алоҳидаро ба Қарзгиранда рад намояд. Дар сурати рад намудани пешниҳоди Транш, смс-паёми дахлдор ба рақами телефони мобилии Қарзгиранда, ки дар Аризаи ҳамроҳшавӣ Қарзгиранда нишон дода шудааст, фиристода мешавад. Барои муайян намудани сабабҳои радкунӣ, Қарзгиранда метавонад бо Ташкилот тамос гирад.

*4.11.* Пардохтҳо барои истифодаи Траншҳои гирифташуда ва пардохти фоизҳо ё ин ки ҳаққи комиссионӣ аз руи онҳо, аз ҷониби Қарзгиранда дар руз ва/ё то фаворасии Санаи Пардохт, дар хаҷми дар Утоқи Шахсии Қарзгиранда муайяншуда амалӣ карда мешаванд. Агар Санаи Пардохт ба рузи ғайрикорӣ рост ояд, Санаи Пардохт рузи дигари наздиктарини корӣ ҳисоб карда мешавад.

*4.12.* Баргардонидани Транш ва пардохти фоизҳо мумкин аст ба таври ғайринакдӣ, тавассути гузаронидани маблағҳои пулӣ ба суратҳисоби Ташкилот ва ё ба воситаи гузоштани маблағҳои пулии нақд бевосита ба хазинаи Ташкилот амалӣ карда шавад.

*4.13.* Пардохти уҳдадориҳои қарзӣ ба таври зайл ва дар асоси ҳуҷҷатҳои зерин анҷом дода мешавад:

- аз суратҳисобҳои қарздор (суратҳисоби пасандозӣ, суратҳисоби амонатии дархостӣ, суратҳисоби амонатии муҳлатнок) музди меҳнати ҳисобкардашудаи қарздор дар

асоси фармоиши хаттӣ, агар дар шартномаи қарзӣ чунин ҳуқуқ пешбинӣ шуда бошад;

- ба суратҳисоби ташкилоти қарзӣ ба воситаи ташкилотҳои алоқа ё дигар ташкилотҳои қарзӣ дар асоси супориши хаттии қарздор;
- дар асоси варақаи ворида ба хазинаи ташкилоти қарзӣ қабул кардани маблағи уҳдадориҳои қарзӣ;
- дар асоси фармоиши пардохтӣ бо истифода аз воситаҳои электронии пардохтӣ, аз ҷумла корти пардохтии бонкӣ ва ҳамёни электронии мушаххасшуда.

4.14. Қарзгиранда ҳуқуқ дорад пеш аз муҳлат иҷрои қисман ё пурраи уҳдадориҳои худро оид ба баргардонидани Транш амалӣ намояд. Ҳангоми пеш аз муҳлат қисман ё пурра баргардонидани Транш, маблағи фоизҳои аз ҷониби Қарзгиранда пардохтшаванда тавассути ҳисоб кардани фоизҳо барои ҳар рузи истифодаи Транш (бо дарназардошти 365 руз дар як сол) ба бақияи қарз аз руи маблағи Транш муайян карда мешавад.

4.15. Ҳангоми пеш аз муҳлат қисман баргардонидани маблағи Транш аз ҷониби Қарзгиранда, Ташкилот дар Утоқи Шахсии Қарзгиранда Ҷадвали Пардохти навро ҷойгир менамояд.

4.16. Ҳангоми пеш аз муҳлат қисман баргардонидани маблағи Транш аз ҷониби Қарзгиранда, Ташкилот ҳуқуқ дорад Ҷадвали Пардохти яктарафа тағйир диҳад ва чунин амали Ташкилот ҳамчун вайронкунии ягон муқаррароти Шартнома ва Шартҳои Транши дахлдор, эътироф намегардад.

4.17. Бо бастани Шартнома, Қарзгиранда ба Ташкилот розигӣ медиҳад, ки барои ташаккули маблағи гарав барои таъмини уҳдадорӣ, қарздории аз руи, ҳаққи хизматрасонӣ (комиссияҳо), Қарз пайдогардидаро бо тартиби беаксептӣ аз ҳисоби маблағҳои (инчунин маблағҳои электронӣ) Қарзгиранда, ки дар суратҳисобҳои Қарзгиранда дар Ташкилот нигоҳ дошта мешаванд ва тибқи шартномаи пасандози Ташкилотӣ (муҳлатнок ва дархостӣ), шартномаҳо оиди кушодани суратҳисоб, барориши кортҳои пардохтии Ташкилотӣ, пешниходи воситахои электронии пардохтӣ ва дигар шартномаҳои ҳамшабеҳ дар Ташкилот кушода шудаанд, ситонад.

4.18. Гарав барои таъмини иҷрои уҳдадории қарзӣ, ки дар шакли маблағи пулӣ пешниҳод карда мешавад дар суратҳисоби пасандозӣ нигоҳ дошта шуда, то ба иҷро расидани уҳдадориҳои қарзӣ таҳти ҳабс қарор дода мешавад.

4.19. Гирифтани маблағи пасандоз дар сурати надоштани маҳдудиятҳо танҳо тибқи дархости мизоҷ ба амал бароварда шуда, бо тариқи нақдӣ аз хазина ва ё ба суратҳисобе, ки Мизоҷ муайян менамояд, интиқол карда мешавад.

4.20. Андозаи фоизи аз рӯи маблағи ба пасандоз гирифта шуда, 2.00% (ду фоиз) солона ҳисоб карда мешавад.

4.21. Маблағи ба пасандозӣ танҳо баъди пурра иҷро шудани уҳдадории мизоҷ дар назди Ташкилот тибқи дархости мизоҷ ва ё намояндаи ваколатдори ӯ баргардонида мешавад.

*4.22.* Ташкилот бо меъёри қабулгардида ҳуқуқ дорад  ба Мизоҷ овердрафтро бо шартҳои қарзии дар доираи шартномаи мазкур овардашуда  пешниҳод менамояд.

## 5. ҲУҚУҚ ВА УҲДАДОРИҲОИ ТАРАФҲО

*5.1.* **Ташкилот уҳдадор аст:**

*5.1.1.* Ба Қарзгиранда Қарзро тибқи шартҳои Шартномаи басташуда пешниҳод намояд;

*5.1.2.* Ба маблағҳои аз Мизоҷ ба ҳисоби пасандозии муҳлатноки бонкӣ қабул карда шуда, фоиз ҳисоб намояд;

*5.1.3.* Бо дархости Мизоҷ ва ё намояндаи ӯ, маблағҳои пасандозии бонкиро бо ҳисоб намудани фоизҳои муқарраршуда, тибқи шартномаи мазкур на дертар аз рӯзи дигари амалиётии бонкӣ, ба Мизоҷ ва ё намояндаи ӯ баргардонад (агар маблағ барои уҳдадории қарзӣ таҳти гарав қарор надошта бошад).

*5.1.4.* Таъмини ҳифзи пасандози бонкӣ ва ҳамчунин аз ҷониби кормандони Ташкилот нигаҳдории сирри бонкиро оиди соҳиби ҳисоб, мушаххасоти ҳисоби ӯ, дар бораи амалиётҳои гузаронидашуда аз рӯи ҳисоб ва бақияи маблағи суратҳисобро, риоя намояд.

*5.1.5.* Дар ҳолати аз ҷониби Мизоҷ талаб намудани маблағи амонат ва аз ҷониби Ташкилот сари вақт барнагардонидани он (бо назардошти банди 4.17. шартномаи мазкур) Ташкилот уҳдадор мешавад, ки ба Мизоҷ аз маблағи бақияи пасандоз барои ҳар як рӯзи ба таъхиргузошташуда дар ҳаҷми 1% (як фоиз) маблағи ноустуворона пардохт намояд.

*5.1.6.* Бо дархости мизоҷ тамоми маълумотҳои вобаста ба маблағи амонат талабшударо, бо тариқи ройгон пешниҳод намояд.

*5.2.* **Ташкилот ҳуқуқ дорад:**

*5.2.1.* Ҳудуди Қарзии пешниҳодшударо яктарафа, бидуни шарҳи сабабҳо ва бе огох кардани Қарзгиранда, тағйир диҳад, зиёд, кам ё бекор кунад;

*5.2.2.* Ба Бюрои қарзии итилоотии Тоҷикистон (мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон бақайдгирифташуда) маълумот дар бораи Қарзгиранда ва вазъи иҷрои уҳдадориҳои ӯ, аз руи Шартномаи мазкур, пешниҳод намояд;

*5.2.3.* Меъёри фоиз барои истифодаи Траншҳоро яктарафа кам намояд;

*5.2.4.* Бидуни зикри сабабҳо, ба Қарзгиранда додани Транши алоҳидаро рад намояд;

*5.2.5.* Дар сурати ба вуҷуд омадани шубҳаҳои асоснок дар бораи аз ҷониби Қарзгиранда суиистифода намудани Шартҳои Умумии мазкур, пешниҳоди минбаъдаи Қарзро қатъ кунад;

*5.2.6.* Аз Қарзгиранда пешниҳоди хуҷҷатҳои заруриро барои таҳлили вазъи молиявии Қарзгиранда талаб намояд;

*5.2.7.* Додани Қарзро қатъ намояд ва аз Қарзгиранда пеш аз муҳлат баргардонидани маблағҳои Қарз (маблағи тамоми Траншҳои додашуда) ва пардохтани фоизҳоро барои истифодаи Қарз ва дигар пардохтҳоеро, ки бо шартҳои Шартнома пешбинӣ карда шудаанд, дар холатҳои зерин талаб намояд:

а) аз ҷониби Қарзгиранда иҷро накардан ё иҷрои номатлуби ухдадориҳои худ оиди баргардонидани маблағи ҳар кадом Транш ва/ё пардохти фоизҳое, ки нисбати хар кадом Транш ҳисоб карда шудаанд ва дигар пардохтҳое, ки бо Шартнома пешбинӣ карда шудаанд;

б) ҳангоми муайян кардани воқеияти аз ҷониби Қарзгиранда ба Ташкилот пешниҳод кардани маълумотҳо ва хуҷҷатҳои нодуруст ва бардуруғ ҳангоми бастани Шартнома;

в) нисбати Қарзгиранда оғоз шудани мурофиаи судӣ, ки метавонад боиси оқибати иҷро накардани ухдадориҳои Қарзгиранда тибқи Шартнома гардад;

г) ҳангоми мавҷуд будани ҳолатҳое, ки ошкоро шаҳодат аз он медиҳанд, ки Қарз аз ҷониби Қарзгиранда дар муҳлати бо Шартнома муқарраршуда баргардонида намешавад;

е) вайрон кардани дигар шартҳои Шартнома.

5.2.8. Ҳангоми аз ҷониби Қарзгиранда иҷро накардан ё иҷрои номатлуби ухдадориҳои худ оиди баргардонидани маблағи қарз ва Траншҳо ва/ё пардохти фоизҳое, ки нисбати хар кадоми онҳо ҳисоб карда шудаанд ва дигар пардохтҳое, ки бо Шартнома пешбинӣ карда шудаанд Ташкилот ҳуқуқ дорад аз дигар маблағҳои дар суратҳисобҳои мизоҷ мавҷудбуда ба тариқи бе Аксепти иҷроиши онҳоро таъмин намояд.

*5.3.* <u>**Қарзгиранда/Мизоҷ ухдадор аст:**</u>

*5.3.1.* Қарзро баргардонад ва фоизҳои аз ҷониби Ташкилот хисобшударо барои тамоми давраи воқеии истифодаи Қарз то рузи баргардонидани пурраи он тибқи мукаррароти Шартнома пардохт намояд;

*5.3.2.* Амалиёте, ки бавоиста ё бевосита барои расонидани зарар (зиён) ба Ташкилот ва/ё Фурушандагон равона карда шудаанд, анҷом надиҳад;

*5.3.3.* Дар муддати се рузи корӣ аз лаҳзаи қабул кардани талаботи Ташкилот, пеш аз муҳлат Қарзро (маблағи тамоми Траншҳои додашударо) баргардонад ва фоизҳои ҳисобшударо дар ҳаҷми пурра пардохт намояд;

*5.3.4.* Тибқи талаби Ташкилот тамоми хароҷоту зарареро (аз ҷумла фоидаи аз дастрафта ва зарари вобаста ба кам будани воситаҳои молиявӣ), ки Ташкилот бинобар ба вуҷуд омадан ё вуҷуд доштани вайронкуниҳои Шартнома, инчунин вобаста ба андешидани чораҳои маҷбурии ситонидани қарз дидааст, чуброн намояд;

*5.3.5.* Дар давраи амали Шартнома, тибқи талаби Ташкилот хуҷҷатҳоеро, ки барои таҳлили вазъи молиявии Қарзгиранда заруранд, пешниҳод намояд;

*5.3.6.* Ҳангоми иваз шудани суроға, телефон, ҷои кор, дигар маълумот, ки ба Ташкилот ҳангоми гирифтани Қарз пешниҳод карда шудаааид ва қобилияти таъсир расонданро ба иҷрои ухдадорихо тибқи Шартнома доранд, дар муддати се руз ба Ташкилот хабар расонад;

*5.3.7.* Ба шахсони сеюм, ба истисноии шахсони ваколатдор, ки дар раванди пешниҳоди Қарз иштирок мекунанд, Рамзи Тасдиққунандаи худро, ки барои имзои шартҳои Транш ва анҷом додани пешниҳоди Транш лозим аст, фош накунад;

5.3.8. Маблағи Транши гирифташударо мустақилона бо салоҳдиди худ истифода бурда, оид ба самти истифодаи маблағ ба Ташкилот маълумот диҳад;

5.3.9. Ташкилотро дар бораи иваз намудани рақами мобилии худ ё гум кардани дастрасии Қарзгиранда ба таҷҳизоти мобилӣ, ки дар он рақами дар Аризаи ҳамроҳшавӣ нишондодашуда барои қабул намудани Рамзи Тасдиққунанда истифода мешавад, фавран хабардор кунад;

5.3.10. Ба Сомонаи Ташкилот, барои шиносоӣ бо тағйирот ва иловаҳо ба шартҳои Умуми, ки аз ҷониби Ташкилот, давра ба давра, ворид карда мешаванд, пайваста муроҷиат кунад;

5.3.11. Тамоми шартҳои Шартномаро бовичдонона иҷро намояд;

5.3.12. Дар ҳолати татбиқ гардидани банди 13.3. руёниш ва камшавии маблағи гарав, Мизоҷ уҳдадор мешавад дар қисми маблағи камшуда на дертар аз 30(си) рӯз аз рӯзи камшавии он, маблағи пулиро дар суратҳисоб барқарор намояд.

5.4. **<u>Қарзгиранда/Мизоҷ ҳуқуқ дорад</u>**

5.4.1. Бо огоҳ кардани Ташкилот, пурра ё қисман аз гирифтани Қарз даст кашад.

5.4.2. Оид ба амалиётҳо, траншҳои гирифташуда ва дигар маълумотҳои зарурироталаб намояд.

5.4.3. Ба Ташкилот ба таври хаттӣ ва ё тавассути Системаи Ташкилот, бо шикоятҳо муроҷиат намояд. Чунин муроҷиатхо аз ҷониби Ташкилот қабулшуда хисобида мешавад ва онҳо дар мухлатҳои пешбининамудаи конунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи муроҷиати шаҳрвандон баррасӣ карда мешаванд.

5.4.4. Маблағи пасандози худро шахсан худаш ва ё ба воситаи намояндаи худ, ки дар асоси Ваколатнома амал менамояд, ихтиёрдорӣ намояд.

5.4.5. Дар ҳама ҳолат баргардонидани маблағи пасандозро талаб намояд.

5.4.6. Ба Ташкилот оиди гузаронидани маблағҳои пасандоз бо тариқи ғайринақдӣ супориш ирсол намояд.

## 6. <u>МАСЪУЛИЯТИ ТАРАФҲО</u>

6.1. Тарафҳо барои иҷро накардан ё иҷрои номатлуби уҳдадориҳои худ аз руи Шартнома мутобиқи Шартнома ва қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон масъулият доранд.

6.2. Дар ҳолати аз ҷониби Қарзгиранда вайрон кардани муҳлати баргардонидани Транш ва/ё пардохти фоизҳо аз руи ҳар кадом Транш, меъёри фоизи муқарраргардидаи Шартнома иваз карда намешавад, вале маблағи фоизҳои аз ҷониби Қарзгиранда пардохтшаванда тавассути ҳисоб кардани фоизҳо барои ҳар рузи истифодаи Транш (бо дарназардошти 365 руз дар як сол) ба бақияи қарзи асосӣ аз руи Транш то рузи баргардонидани он муайян карда мешавад.

6.3. Дар ҳолати аз ҷониби Қарзгиранда вайрон кардани муҳлати баргардонидани Транш ва/ё пардохти фоизҳо аз руи ҳар кадом Транш, Қарзгиранда ба Ташкилот ноустуворона дар хаҷми 1,00 (як) фоиз аз маблағи тибқи ҷадвал пардохтнашудаи чунин Транш барои ҳар як рузи тақвимии гузаронидани муҳлат то рузи

баргардонидан, пардохт менамояд.

*6.4.* Дар ҳолати таъхиргузории баргардонидани маблағи қарз ва/ё пардохти фоизҳо аз руи Транше, ки пардохт карда мешавад, Қарзгиранда ба Ташкилот ноустуворона дар ҳаҷми 1,00 (як) фоиз аз маблағи боқимондаи чунин Транш, барои ҳар як рузи тақвимии гузаронидани муҳлат то рузи баргардонидан, пардохт менамояд.

*6.5.* Ҳангоми ба вуҷуд омадани қарздорӣ бо сабаби гузаронидани муҳлати баргардонидани Қарз ва пардохти фоизҳо, маблағҳое, ки барои баргардонидани қарз тибқи Шартнома пардохта мешаванд, новобаста аз таъиноти пардохт, пеш аз ҳама барои ҷуброни зарар, хароҷотҳои судӣ ва дигар хароҷотҳои Ташкилот вобаста ба ситонидани қарз равона карда мешаванд, пас аз ин бо навбати зерин истифода мешаванд:

*6.5.1.* барои пардохти ноустуворона аз руи ҳамаи Траншҳо, бо тартиби хронологии ба вуҷуд омадани чунин қарздорӣ аз руи Траншҳо (яъне саравввал ноустуворона аз руи Транше пардохт карда мешавад, ки муҳлати пардохти он якум вайрон карда шудааст; сипас аз руи дуввум, сеюм ва ғайра.);

*6.5.2.* барои пардохти фоизҳо аз руи ҳамаи Траншҳо, бо тартиби хронологии ба вуҷуд омадани чунин қарздорӣ аз руи Траншҳо (яъне саравввал фоизҳо аз руи Транше пардохт карда мешаванд, ки муҳлати пардохти он якум вайрон карда шудааст; сипас аз руи дуввум, сеюм ва гайра.);

*6.5.3.* барои баргардонидани Қарз, бо тартиби хронологии ба вуҷуд омадани чунин қарздорӣ аз руи Траншҳо (яъне саравввал маблағи Транше пардохт карда мешавад, ки муҳлати пардохти он якум вайрон карда шудааст; сипас аз руи дуввум, сеюм ва ғайра.)

*6.6.* Дар сурати аз ҷониби шахси сеюм расонидани зарар ба Ташкилот, ки бо сабаби аз ҷониби Қарзгиранда ба шахси сеюм фош намудани Рамзи Муайянкунанда ва/ё Рамзи Тасдиққунандаи худ рух додааст, ин амал аз ҷониби Қарзгиранда ба анҷом расонидашуда ба ҳисоб рафта, Қарзгиранда ухдадор мешавад, ки ба Ташкилот зарари ба у расонидашударо дар ҳаҷми пурра ҷуброн намояд.

## 7. МУҲЛАТ ВА ТАРТИБИ БЕКОР КАРДАНИ ШАРТНОМА

*7.1.* Шартнома аз рузи ҳамроҳ шудани Қарзгиранда ба шартҳои Умумии мазкур ба қувваи қонунӣ даромада, то пурра баргардонидани Қарз ва пардохти фоизҳои ҳисобшуда амал мекунад.

*7.2.* Шартнома мумкин аст бо созиши Тарафҳо ва инчунин яктарафа бо талаби хаттии яке аз Тарафҳо тибқи асосҳое, ки дар шартҳои Умумии мазкур ва конунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ карда шудааст, бекор карда шавад.

*7.3.* Ташкилот ҳуқуқ дорад Шартномаро яктарафа дар ҳолатҳое, ки банди 5.2.7.-и шартҳои Умумии мазкур пешбинӣ намудааст бекор кунад. Дар ин холат Ташкилот ҳуқуқ дорад бетаъхир баргардонидани Қарз, фоизҳо аз руи Қарз, ноустуворона, зарар ва хароҷотҳоро талаб намояд

*7.4.* Бекор кардани Шартнома ухдадориҳои Қарзгирандаро оид ба баргардонидани қарз

аз руи Шартнома, инчунин қарзи пардохти комиссия ва дигар пардохтҳои ба Ташкилот пардохтшаванда, ки ҳангоми муҳлати амали Шартнома ба миён омадаанд, катъ намекунад.

## 8. ТАРТИБИ ВОРИД КАРДАНИ ТАҒЙИРОТУ ИЛОВАҲО

*8.1.* Ташкилот ҳуқуқ дорад, ки ба шартҳои Умумии мазкур ва Тарофаҳо, бо роҳи ҷойгир намудани маълумоти дахлдор дар Сомонаи Ташкилот, ва/ё ба Қарзгиранда равона намудани огоҳиномаи дахлдор тибқи боби 12, тағйирот ва/ё иловаҳо, як моҳ пеш аз эътибор пайдо кардани онҳо, ворид кунад, агар чунин тағйирот ва/ё иловаҳо ба қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолифат накунанд.

*8.2.* Қарзгиранда ҳуқуқ дорад, на кам аз як бор дар як моҳ, бо маълумоте, ки Ташкилот дар Сомонаи Ташкилот ва дар Утоқи Шахсии Қарзгиранда интишор кардааст, шинос шавад. Қарзгиранда ҳуқуқ дорад, ки дар ҳолати зарурати гирифтани тавзеҳоти иловагӣ оид ба тағйирот дар шартҳои Умуми ба идораи Ташкилот тамос гирад.

*8.3.* Пешниҳод нашудани аризаи муайяншуда ба Ташкилот то мавриди ба қувваи амал даромадани тағйирот ва/ё иловаҳо ба шартҳои Умуми ва Тарофаҳо, ҳамчун розигии Қарзгиранда ба чунин тағйирот ва/ё иловаҳо эътироф мешавад. Ташкилот барои аз ҷониби Қарзгиранда сари вақт нагирифтан ва/ё наомухтан ва/ё барои дарки нодурусти мазмуни тағйироти шартҳои Шартнома, ки бо тартиб ва муҳлатҳои муқарраршуда нашр шудаанд, масъулият надорад.

*8.4.* Ҳама гуна тағйирот ва / ё иловаҳо ба шартҳои Умуми ва Тарофаҳо, аз лаҳзаи эътибор пайдо кардани онҳо, ба ҳамаи Қарзгирандагон, инчунин ба онҳое, ки пеш аз санаи эътибор пайдо кардани тағйиротҳо, Шартномаро бастаанд, баробар татбиқ карда мешаванд.

## 9. ҲАЛЛИ БАҲСҲО

*9.1.* Ҳамагуна баҳсҳо ва ихтилофҳое, ки аз Шартнома ва ё ба он алоқаманд метавонанд ба миён оянд, Тарафҳо тариқи созиш ва музокирот ҳал менамоянд. Мубодилаи мактуби/огоҳиномаи изҳоротӣ бо тартиби муайяншудаи шартҳои Умумии боби 12 амалӣ карда мешавад. Тарафи қабулкардаи мактуби/огоҳиномаи изҳоротӣ уҳдадор мешавад, ки дар муҳлати дар мактуби/огоҳиномаи изҳоротӣ муқарраршуда, ба Тарафи ирсолкунандаи мактуби/огоҳиномаи изҳоротӣ посух гардонад.

*9.2.* Дар ҳолати ғайриимкон будани ҳалли баҳсҳо бо таритиби ғайрисудӣ, ҳамаи баҳсҳои алоқаманд ба Шартнома тибқи тобеияти судӣ ҳал карда мешавад.

## 10. КОРКАРДИ МАЪЛУМОТҲОИ ШАХСӢ

*10.1.* Бо бастани Шартнома ва бо супоридани Аризаи ҳамроҳшавӣ, Қарзгиранда ба Ташкилот ҳуқуқи (розигӣ) коркарди маълумоти шахсии худро, ки дар ҳомилҳои қоғазӣ ва/ё электронии пешниҳод карда шудааст, бо истифода ва/ё бидуни истифодаи воситаҳои автоматикунонии барои ҷамъоварӣ, муратгабсозӣ, нигоҳдорӣ, дақиққунӣ, содирот, истифода, интиқол (таъмини дастрасӣ, аз он ҷумла ҳангоми

супориши коркарди маълумоти Шахсӣ ба шахсони сеюм), маълумоти шахсии Қарзгиранда, инчунин нигоҳдории онҳо, медиҳад.

*10.2.* Барои мақсадҳои Шартнома маълумоти шахсии Қарзгиранда маънои ҳамон маълумотро дорад, ки бо истифода аз тамоми усулҳои имконпазир, аз ҷониби Қарзгиранда ё бо розигии у, аз ҷониби шахси сеюм ба Ташкилот пешниҳод шудааст, ва бавосита ё бевосита ба Қарзгиранда дахл дошта тавассути он Қарзгиранда муайян шудааст ё муайян карда мешавад, аз он ҷумла маълумоти зерин: насаб, ном, номи падар; сана, моҳ ва соли таваллуд; ҷинс; маълумот барои тамос (рақамҳои телефон, суроғаҳои почтаи электронӣ); маълумоти хуҷҷати тасдиққунандаи шахсият; маълумот дар бораи ҷои истиқомат ва/ё ҷои будубош, маълумот дар бораи таҳсил, вазъи оилавӣ, шумораи кудакон, дар бораи соҳаи фаъолият, маълумот дар бораи корфармо, дар бораи даромад ва хароҷот.

*10.3.* Коркарди маълумоти шахсии дар боло зикргардидаи Қарзгиранда бо мақсадҳои зерин анҷом дода мешавад: баррасии имконияти бастани Шартнома бо Қарзгиранда; тафтиши дурустии маълумоти Қарзгиранда; иҷро ва қатъ кардани Шартнома; талаби пардохти (баргардонидан, ситонидан) Қарз тибқи Шартнома; сохтани махзани маълумот; баҳодихии кобилияти пардохтпазирии Қарзгиранда; кофтуков ва тасдиқи ҷои кор, суроғаи истиқомат вокеӣ, рақами телефон ва дигар маълумоте, ки аз Қарзгиранда гирифта шудааст; пешбурд ва пешниҳоди (расонидани) хизматрасониҳо ва махсулоти дигари Ташкилот ба Қарзгиранда; пешниҳоди маълумот ба шахсони сеюм, ки баргардонидани қарзи батаъхирафтода таъмин менамоянд.

*10.4.* Қарзгиранда огоҳ ва розӣ аст, ки маълумоти шахсии пешниҳодшуда, аз ҷумла тавассути интиқоли он (таъмини дастрасӣ) бо супориши Ташкилот ва бо шарти риояи махфияти қатъӣ ба шахсони дигаре, ки барои расонидани хизматрасонӣ ба Қарзгиранда чалб шудаанд, барои мақсадҳои дар боло зикршуда коркард мешавад.

*10.5.* Розигӣ барои коркарди маълумоти Шахсӣ аз ҷониби Қарзгиранда бе муҳлат дода мешавад. Қарзгиранда метавонад розигии зикршударо, тавассути равона намудани аризаи хаттии дорои маълумотҳои шахсии Қарзгиранда ба Ташкилот, бозхонад. Дар сурати бозхонди розигӣ, коркарди маълумоти шахсии Қарзгиранда аз ҷониби Ташкилот ва/ё шахсони сеюм танҳо ба шарти бекор шудани Шартнома ва пардохти пурраи қарз аз руи Шартнома дар муҳлати на дертар аз 1 (як) сол аз рузи бекоркунӣ, қатъ карда мешавад.

## 11. <u>ИСТИФОДАИ ШАКЛИ ИМЗОИ ШАХСӢ (ШИШ)</u>

*11.1.* Тарафҳо ба мувофиқа расиданд, ки ҳангоми истифодаи Системаи Ташкилот мутобиқи шартҳои Умумии мазкур ШИШ-ро истифода баранд. Рамзи Тасдиққунандае, ки ба Қарзгиранда тариқи смс-паём ба рақами телефони дар Аризаи ҳамроҳшавӣ нишон додашуда, фиристода мешавад, мувофиқи шартҳои Умумии мазкур ШИШи Қарзгиранда мебошад

*11.2.* Қарзгирандае, ки Ҳуҷҷатҳои Электрониро бо истифода аз ШИШ имзо кардааст, аз

ҷониби системаи иттилоотии Ташкилот, ки дар он хуҷҷати электронӣ таҳия карда шудааст, муайян карда мешавад. Маълумоте, ки Қарзгиранда ҳангоми дохил шудан (авторизатсия) ба Системаи Ташкилот ворид мекунад, бо маълумоти системаи иттилоотии Ташкилот, ки барои воридшавии (авторизатсия) ба Қарзгиранда таъин шудааст, муқоиса карда мешавад. Системаи иттилоотии Ташкилот дурустии маълумоте, ки ҳангоми дохил шудан (авторизатсия) ба Системаи Ташкилот ворид шудааст, тафтиш мекунад ва/ё дурустии Рамзи Тасдикунандаи воридкардаи Қарзгирандаро месанҷад, ва агар онҳо бо маълумоти дар Системаи Ташкилот мавҷудбуда мувофиқат кунанд, Хуҷҷати Электроние, ки бо чунин ШИШ тасдиқ шудааст, мустақиман аз ҷониби Қарзгиранда имзошуда эътироф мешавад. Санаи таҳияи чунин Хуҷҷати Электронӣ санаи аз ҷониби Қарзгиранда дохил намудани ШИШ ба Системаи Ташкилот тибқи шартҳои Умумии мазкур мебошад. Тавассути ШИШ метавонанд якчанд Ҳуҷҷатҳои Электронии ба ҳамдигар алокаманд имзо карда шаванд.

*11.3.* Рамзи Тасдиққунанда бо дархости Қарзгиранда пешниҳод карда мешавад ва охирин ҳамчун шахсе, ки ин рамзро кабул кардааст, барои нигоҳ доштани махфияти смс-паёми дорои Рамзи Тасдиққунанда масъул мебошад.

*11.4.* ШИШ барои максадҳои зерин истифода бурда мешавад:

- гирифтани Траншҳо аз ҷониби Қарзгиранда;
- аз ҷониби Қарзгиранда пайваст намудани хизматрасонихои иловагӣ, ки тибқи Шартнома ба у дастрасанд;
- додани розигӣ барои гирифтан ва/ё интиколи маълумоти Шахсӣ ва маълумоти дигари Қарзгиранда бо мақсади иҷрои Шартнома;
- тасдиқи Ҳуҷҷатхои Электронӣ, аз ҷумла имзои ҳама гуна созишномаҳо бо Ташкилот ва мубодилаи Ҳуҷҷатҳои Электронӣ.

*11.5.* Бо назардошти муқаррароти банди 3 моддаи 174 ва банди 2 моддаи 500 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон, Тарафҳо ба созиш омадаанд, ки ҳамаи ҳуҷҷатҳое, ки аз ҷониби Системаи Ташкилот дар шакли электронӣ, дар асоси коркарди бомуваффақи Рамзи Тасдиққунанда таҳия шудаанд, ба хуҷҷатҳои дар ҳомили коғазӣ аз тарафи Қарзгиранда шахсан имзошуда баробар карда мешаванд ва ҳуқуқу уҳдадориҳои айнан баробарро барои охирин мувофиқи Шартномаи ба вуҷуд меоранд.

*11.6.* Дар ҳолати ба вуҷуд омадани баҳс байни Тарафҳо вобаста ба истифодаи ШИШ, Ташкилот таъминоти барномавиро, ки зимни ташкилшавии ШИШ истифода бурда шудааст, барои тафтиши ҳақиқӣ будани ШИШ, истифода мебарад ва хулосаи худро мебарорад.

## 12. ҲАМКОРИИ ИТТИЛООТИИ ТАРАФҲО

*12.1.* Тамоми огоҳиномаҳо, аризаҳо ва дигар хуҷҷатҳо дар доираи Шартнома метавонанд бо роҳи аз Тарафи-равонкунанда ба Тарафи-кабулкунанда, шахсан ё бо почта (тавассути хаткашон) ё почтаи электронӣ ё ба воситаи Утоқи Шахсӣ ё бо ба воситаи занг задан ё равон намудани смс-хабар ба рақами телефони мобилии Қарзгиранда равон карда шаванд. Зимнан огоҳинома, ариза ва дигар ҳуҷҷатҳо ба таври дахлдор супоридашуда ба ҳисоб мераванд:

- дар рузи воқеии расонидан ба Тарафи- қабулкунанда, дар ҳолати бо дасти худ додан ё равон кардан тавассути почта/хаткашон;
- дар рузи кории оянда, дар сурати фиристодан бо усулҳои муқаррарнамудаи шартномаи пешниҳоди хизматрасониҳои фосилавии Ташкилотӣ (агар шартнома бо Ташкилот баста шуда бошад);
- дар лаҳзаи гирифтани мактуби тасдиққунандаи Тарафи-қабулкунанда бо почтаи электронӣ, агар ба почтаи электронӣ равон карда шуда бошад;
- дар рузи ояндаи корӣ, дар сурати равон кардан ба Утоқи Шахсӣ;
- дар рузи равон намудан смс-паём ё занг задан ба рақами телефони мобилии Қарзгиранда.

*12.2.* Нусхаҳои тариқи сканер гирифташудаи имзоҳои шахсони ваколатдори Тарафҳо дар ҳуҷҷатҳои тавассути почтаи электронӣ ё Утоқи Шахсӣ равон кардашуда, аз ҷониби Тарафҳо ҳамчун ШИШ эътироф карда мешаванд ва ба ҳуҷҷатҳои дар ҳомили коғазӣ будае, ки аз ҷониби Тарафи дахлдор бо дасти худ имзо карда шудаанд, баробар карда мешавад. Агар яке аз Тарафҳо суроға ва ё дигар маълумотҳои худро, ки барои ба тамос баромадан бо ин Тараф заруранд, тағйир диҳад, у уҳдадор мешавад, ки дар бораи ин то ба қувва даромадани чунин тағйиротҳо Тарафи дигарро огоҳ намояд. Дар акси ҳол тамоми он муросилоте, ки ба чунин Тараф равона карда шудааст ба у ба таври дахлдор расонидашуда ҳисоб мешавад, агар Тарафи ирсолкунандаи муросилот тасдиқи ирсол кардани муросилотро ба суроғаи охирони Тарафи қабулкунанда пешниҳод намояд.

## 13. ТАЪМИНИ БАРГАРДОНИДАНИ КРЕДИТ

13.1 Таъминоти баргардонидани Кредит, фоиз, ноустуворона, зарар, хароҷоти Ташкилот аз рӯи Шартномаи мазкур маблағи пулии ҳамчун гарав гузошташуда ва Моле мебошанд, ки аз Фурӯшанда ба воситаи маблағҳои кредитии тибқи ин Шартнома ба қарзгир пешниҳод гардида мебошад. Молҳои харидшаванда аз лаҳзаи ба Қарзгиранда супорида шуданашон ба манфиати Ташкилот тибқи ин банд ба гарав гузошта шуда ҳисобида мешаванд. Арзиши Мол ба нархи харидорӣ шудани он аз ҷониби Қарзгиранда баробар аст ва дар давоми мухлати амали Шартномаи мазкур Мол дар тасарруфи Қарзгиранда нигоҳ дошта мешаванд. Номгӯи Моли харидшаванда дар утоқи Тасдиқномаи Қарзгиранда ва утоқи шахсӣ зикр карда мешавад.

13.2. Тибқи Шартномаи мазкур Тарафҳо ба созиш омаданд, ки Мизоҷ мутобиқи шарту шароитҳо ва маҳсулоти қарзии бо гарави маблағи пулӣ, ба андозаи 10% (даҳ фоизи) ҳар як транши гирифташаванда ба гарав мегузорад.

13.3. Тарафҳо ба созиш омаданд, ки дар сурати ба муҳлати зиёда аз 29(бисту нуҳ) рӯз Мизоҷ уҳдадории қарзиашро иҷро накардан Ташкилот ҳуқуқ дорад бо тариқи беаксепти уҳдадориҳои қарзиро аз ҳисоби маблағи таҳти гарав қарордошта руйпуш намояд.

13.4. Тибқи Шартномаи мазкур Тарафҳо ба созиш омаданд, ки ситонидани амволи ба гарав гузошташуда (Молҳои аз Фурӯшанда ба воситаи маблағҳои кредитии тибқи ин Шартнома пешниҳод гардида харидорӣ карда мешуда) тибқи тартиби ғайрисудӣ тавассути аз ҷониби Ташкилот ба фурӯш баровардани амволи ба гарав гузошташуда мутобиқи боби музкур амалӣ мегардад. Ташкилот ҳуқуқ дорад, ки амволи ба гарав гузошташударо бо нархи на камтар аз арзиши бозории амволи ба гарав гузошташуда дар рӯзи фурӯш ба ҳар шахсе, ки хоҳиши харидорӣ намудани ин амволро дорад фурӯшад. Барои ин амал Қарзгирандаро зарур аст амволро бо санад ба Ташкилот супорад. Дар сурати саркаши намудани Қарздор аз супоридани амвол баҳс бо тариқи судӣ ҳал карда мешавад.

13.5. Дар ҳолате, ки агар маблағҳои аз ҳисоби фурӯши амволи ба гарав гузошташуда барои пурра ҷуброн кардани талаботҳои Ташкилот нокифоя бошанд, Ташкилот ҳуқуқ дорад, ки маблағи намерасидагиро аз ҳисоби дигар амвол ва ё даромадҳои Қарзгиранда рӯёнад.

## 14. <u>МУҚАРРАРОТИ ХОТИМАВӢ</u>

*14.1.* Бо бастани Шартнома, Тарафҳо ба созиш омадаанд, ки дар сурати мавҷуд будани шартномаи оиди кушодани хати Қарзӣ амалкунанда байни Ташкилот ва Қарзгиранда дар санаи бастани Шартнома, чунин шартнома бекор мегардад ва амали он аз рузи аз тарафи Қарзгиранда пурра иҷро намудани ҳамаи уҳдадориҳои худ оиди баргардонидани маблағи Қарз(ҳо) ва пардохти фоизҳои аз руи он(онҳо) мутобиқи шартномаи бекоршуда оиди кушодани хати Қарзӣ.

*14.2.* Дар ҳолати бозхонди иҷозатномаи Ташкилот, барҳамдиҳии маҷбурии Ташкилот тибқи қарори суд бе асосҳои муфлисшавӣ ё бо асосҳои муфлисшавӣ мутобиқи Қонуни ҶТ “Дар бораи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ”, хазинаи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ ба Мизоҷ мувофиқи Қонунгузории амалкунанда ҷубронпулии суғуртаро пардохт мекунад (агар Мизоҷ ба Ташкилот ҳамчун шахси вобаста ба ҳисоб наравад).

*14.3.* Вобаста ба масъалаҳое дигаре, ки дар шартҳои Умумии мазкур пешбинӣ нашудаанд, вале бевосита ба иҷрои шартҳои мазкур алоқаманданд, Тарафҳо қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба роҳбарӣ мегиранд.

*14.4.* Агар ягон муқаррароти Шартнома, мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ғайриқонунӣ, беэътибор ё аз ҳимояи судӣ маҳрумгашта эътироф карда шавад, чунин мукаррарот дар муносибатҳои байни Ташкилот ва Қарзгиранда татбик намегарданд.

Мукарраротı дигари Шартнома дар давоми муҳлати амали он барои Тарафҳо эътибор дорад ва ҳатмӣ мебошад.

*14.5.* Шартҳои Умумии мазкур ба забони тоҷикӣ тартиб дода шудааст.

*14.6.* Ташкилот барои пешгирии дастрасии шахсони сеюм ба маълумоти махфии Қарзгиранда ҳангоми коркарди маълумоти Қарзгиранда тибқи Шартнома, чораҳои дахлдор меандешад. Маълумоти мазкур ба шахсони сеюм танҳо тибқи тартиби муқаррарнамудаи конунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда мешавад.

**Ариза - Дархост оид ба ҳамроҳшавӣ ба шартнома оид ба кушодани хати қарзӣ дар ҶСП ТАҚХ "Ҳумо"**

**Версия №14**

**Маълумот дар бораи мизоҷ**

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| Ному насаби мизоҷ | | | | | |
| Шиноснома № силсила | | РМА | | Санаи таваллуд | |
| Мақоме, ки шиноснома додааст | | | | Санаи додани шиноснома | |
| Суроға аз рӯи қайд | | | | | |
| Суроғаи истиқоматии воқей | | | | | |
| Ҷинс | | Ҳолати оилавӣ | | Сатҳи маълумоти мизоҷ | |

*Мутобиқи **моддаи 490 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон**, ман ба Шартнома оиди кушодани хати қарзӣ (минбаъд дар матн - Шартнома) **Ҷамъияти саҳомии пӯшидаи ТАҚХ "Ҳумо" (РМА 020026755, РЯМ 0210000322, суроға - Душанбе, кӯчаи Н.Қарабоев 148/1)** (минбаъд дар матн - Ташкилот), ки аз ариза- дархостимазкур, Шартҳои умумии шартнома оиди кушодани хати қарзӣ (минбаъд дар матн - Шартҳои Умумӣ) ва Тарофаҳои Шартнома иборат аст, ҳамроҳ мешавам.*

| | |
|---|---|
| *1. Ба Ташкилот иҷозат медиҳам, ки таърихи қарзиамро аз бюрои таърихи қарз бо мақсади қабули қарорҳо дар бораи додани кредит ва коркарди маълумоти шахсии ман, аз он ҷумла, маълумоте, ки дар шабакаҳои иҷтимоии Интернет ҷойгир шудаанд, гирад. Дар сурати бозхондани розигӣ, коркарди маълумоти шахсии ман бояд аз ҷониби Ташкилот ва/ё шахсони сеюм қатъ карда шавад, ба шарте, ки Шартнома бекор карда шудааст ва қарздориам пурра тибқи Шартнома на дертар аз 1 (як) сол аз рӯзи ба охир расонидани Шартнома, пардохт шудааст. Бозхонд дар бораи коркарди маълумоти шахсӣ тавассути муроҷиати шахсӣ ба Ташкилот бо аризаи шакли озод, пешниҳод карда мешавад.* | ***Ҳа*** |
| *2. Ман розӣ ҳастам, ки ҳамаи маълумоти дар бораи ман мавҷудбуда дар ҳаҷм, бо тартиб ва шартҳои муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дилхоҳ бюрои таърихи қарз пешниҳод карда шавад ва инчунин, аз бюроҳои зикргардида ҳисоботи қарзӣ, барои бастани Шартнома ва дар давоми мӯҳлати амали Шартнома, гирифта шавад.* | ***Ҳа*** |
| *3. Ман пуррагӣ, дурустӣ ва эътимоднокии маълумоти дар дархост - аризаи мазкур дарҷшударо тасдиқ менамоям. Ман бо тамоми шартҳои бастани Шартнома, тартиби гирифтани кредит, меъёри фоизҳо аз руи арзиши хизматрасонии молиявии Ташкилот, инчунин дигар шартҳо ва қоидаҳои дар Шартҳои Умумӣ ва Тарофаҳо инъикосгардида, ки дар саҳифаи Интернетии **orzu.humo.tj** ҷойгир шудаанд, шинос шудаам ва розӣ ҳастам, онҳоро дарк менамоям ва ӯҳдадор мешавам, ки онҳоро ҳангоми бастани Шартнома, риоя намоям.* | ***Ҳа*** |
| *4. Розигии худро барои истифодабарии шакли имзои шахсӣ дар шакли рамзи тасдиқ (мибаъд - Рамзи Тасдиқ), ки тавассути SMS - паёмак ба рақами телефони мобилии ман, бо мақсади имзо намудани шартҳои траншҳо, ҳуҷҷатҳои электронӣ, инчунин тасдиқи дигар ҳуҷҷатҳо, аризаҳо, розигиҳо дар доираи Шартномаи бо Ташкилот басташаванда, равона карда мешавад, медиҳам. Рақами телефони мобилии дар ариза - дархости мазкур дарҷшударо ман барои гирифтани Рамзи Тасдиқ, огоҳиномаҳо аз Ташкилот ва гирифтани дастрасӣ ба утоқи шахсӣ мувоффиқи шартҳои Шартнома истифода мебарам. Ҳангоми тағйир додани рақами қайдшудаи телефони мобилӣ, ӯҳдадор мешавам, ки фавран дар ин бора бо нишон додани маълумоти зарурӣ ба Ташкилот хабар диҳам. Иҷро накардани ин ӯҳдадорӣ, Ташкилотро аз масъулият барои ҳамагуна оқибатҳои бо ин ухдадориҳо алоқамандбуда, озод менамояд.* | ***Ҳа*** |
| *5. Ман медонам ва розӣ ҳастам, ки шартҳои траншҳо ва ҷадвали пардохти ҳар як транши инфиродӣ, ки ман тибқи Шартнома гирифтаам, ба утоқи шахсии ман фиристода мешаванд. Ман инчунин медонам, ки ҳангоми муроҷиат ба Ташкилот ҳуҷҷатҳои мазкур мумкин аст ба ман дар шакли коғазӣ пешниҳод карда шаванд. Бо ариза- дархости мазкур шинос шудам ва нусхаи аслии онро гирифтам.* | |
| *6. Ман ба Ташкилот иҷозат медиҳам, ки ба номи ман суратҳисоби пасандозӣ барои ҷойгир намудани маблағи пасандози, кушояд.* | |

| | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **Рақамӣ мобилии мизоҷ** | | | | | | | | | |

| | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **Рақами мушаххаси хати қарзӣ (ID):** | | | | | | | | | |

**Бо имзо гузоштани аризаи мазкур ман тасдиқ менамоям, ки ҳамаи маълумотҳои аз ҷониби ман пешниҳодгардида дуруст ва саҳеҳ мебошанд.**

**Сана:** ____________ **Имзои мизоҷ** ____________

**Аз тарафи намояндаи Ташкилот пур карда мешавад:**
**Ариза - дархости мазкур аз ҷониби мизоҷ шахсан имзо карда шудааст, ҳамаи маълумотҳо тафтиш ва тасдиқ карда шудаанд.**

**Корманди Ташкилот:** ____________ **Имзо**______________________

**Замима №1**

**ба шартномаи умумӣ оид ба пешниҳоди хизматрасонӣ дар доираи лоиҳаи хати қарзӣ ба шахсони воқеӣ**

## ШАРТҲОИ ТРАНШ

1. Рақами шартнома: (________________________)
2. Ному насаби "Қарзгиранда": (________________________)
3. Асъори маблағи қарз: (________________________)
4. Маблағи қарз: (________________________)
5. Фоизи қарз дар як моҳ (%): (________________________)
6. Фоизи қарз дар як сол (%): (________________________)
7. Санаи пешниҳоди қарз: (________________________)
8. Мӯҳлати қарз то: (________________________)

## ҶАДВАЛИ ПАРДОХТ

| № пардохт | Таърихи пардохт | Маблағи фоиз | Маблағи қарзи асосӣ | Маблағи умумии пардохти қарз | Маблағи боқимондаи қарзи асосӣ |
|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | |
| **ҲАМАГӢ:** | | | | | |

Ҷадвали пардохтро тайёр кард:

(________________________) ________________________

(имзо)

Қарзгиранда:

(________________________) ________________________

(имзо)